Бо қарори Ҳайати мушовараи
Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «24 » июни соли 2010 № 26
тасдиқ шудааст

**Д а с т у р а м а л и**
**шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур дар заминаи моддаи 10, 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» таҳия гардида, тартиби шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандонеро, ки дар давоми фаъолияти корӣ ва худомӯзӣ дар дохил ва хориҷи кишвар соҳиби малакаи мушаххаси касбӣ гаштаанду шаҳодатномаи намунаи давлатӣ оид ба дараҷаи тахассусро надоранд, муайян менамояд.

2. Шаҳодатномакунонӣ - ин чараёни арзёбии сатҳи тайёрии касбӣ, маҳорат ва таҷрибаи кории (минбаъд - малакаи касбии) шахс ҷиҳати мутобиқати он ба талаботи меъёрҳои муқарраргардидаи сатҳи тахассусӣ дар шакли экстернат мебошад, ки ҳангоми муқаррар намудани мутобиқат шаҳодатномаи намунаи давлатӣ оид ба дараҷаи тахассусӣ дода мешавад.

3.Танзими ҷараёни шаҳодатномакунонии малакаҳои касбиро дар муассисаҳои таълими касбии системаи вазорат, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират амалӣ менамояд.

## 2.. Ташкили шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ

4. Барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ аз рӯи ҳар як ихтисоси мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат стандартҳои соҳавии тахассусӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

5. Номгӯи ихтисосҳое, ки аз рӯи он шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ сурат мегирад, сохтори стандартҳои тахассусии ин ихтисосҳоро Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

6. Барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ аз рӯи ҳар як ихтисоси мутобиқ ба стандартҳои тахассусӣ саволномаҳои назариявӣ ва маҷмӯаи супоришҳои амалӣ таҳия ва аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тасдиқ карда мешавад.

7. Шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ дар муассисаҳои таълимии касбӣ (минбаъд – муассисаи таълимӣ), ки барои пешбурди ин намуди фаъолият литсензия (иҷозатнома) дорад, гузаронида мешавад.

8. Барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ дар муассисаи таълимӣ мувофиқи ихтисосе, ки аз рӯи он шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ гузаронида мешавад, бояд озмоишгоҳҳо ва устохонаҳои таълимии корҳои амалӣ мутобиқи талаботи стандартҳои тахассусӣ, барномаҳои махсуси таълимие, ки бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудаанд, мавҷуд бошанд.

9.Барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ мувофиқи ихтисос ё маҷмӯи ихтисосҳои бо ҳам наздик, ки аз рӯи онҳо шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ гузаронида мешавад, комиссияи давлатии шаҳодатномакунонӣ (минбаъд – комиссияи давлатӣ) дар назди муассисаи таълимӣ таъсис дода мешавад. Тартиби фаъолияти комиссияҳои давлатиро Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират муқаррар менамояд.

10. Ҳайати комиссияи давлатӣ дар заминаи пешниҳоди муассисаҳои таълими касбӣ аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссияи давлатӣ коршиносони ботаҷрибаи соҳа, намояндаи кордиҳандагон, иттифоқҳои касаба, коршиносон аз муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ворид карда мешаванд. Комиссияи давлатиро коршиноси ботаҷрибаи соҳа ё намояндаи кордиҳандагон роҳбарӣ менамояд.

11. Шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ тавассути гурӯҳҳои худмаблағгузорӣ сурат мегирад. Харҷномаи хароҷотӣ вобаста ба ҳар як ихтисос ва мӯҳлати омӯзиш дар заминаи пешниҳоди муассисаи таълими касбӣ аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тасдиқ карда мешавад.

12.. Маблағгузории шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ барои гурӯҳи алоҳидаи аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд метавонад аз ҳисоби Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ сурат гирад. Ҳайати ин гурӯҳи алоҳидаи аҳолиро вобаста аз ҳаҷми маблағгузории барнома, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират муайян менамояд.

## 3. Шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ

13. Шахсе, ки хоҳиши шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии худро дорад, ба муассисаи таълимие, ки дар он комиссияи давлатӣ барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ таъсис дода шудааст, ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза ба номи директори муассисаи таълими касбӣ;
- нусхаи ҳуҷҷат дар бораи маълумот (шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи асосӣ ё таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- нусхаи ҳуҷҷат дар бораи пардохти маблағ барои шаҳодатномакунонии малакаи касбӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотномаи тиббӣ;
- маълумотномаи ташкилот, корфармо доир ба фаъолияти меҳнатӣ аз рӯи касби мазкур.

14. Чараёни шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ дар шакли санҷиши зинавӣ тавассути модулҳои таълимӣ, ки қисмҳои назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд, сурат мегирад. Тартиби ташкили санҷишҳои зинавиро мувофиқи ҳар як ихтисос ё маҷмӯи ихтисосҳо , Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират муқаррар менамояд.

15. Барои шахсоне, ки санҷиши як ё якчанд модули таълимиро нагузаштаанд, бо хоҳиши худи онҳо муассисаи таълими касбӣ метавонад курсҳои кӯтоҳмуддати таълимиро аз рӯи ин модул ё модулҳо тариқи маблағгузории иловагии шахсӣ ташкил намояд.

16. Ба шахсоне, ки ҳама зинаҳои санҷишро бо муваффаққият гузаштаанд, шаҳодатномаи ягонаи намунаи давлатӣ - шаҳодатномаи тахассусӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тасдиқ шудааст, бо нишондоди тахассус (дараҷаи он), имзои роҳбарони комиссияи давлатӣ ва муассисаи таълимӣ бо гузоштани мӯҳр супорида мешавад.

17. Ҳуҷҷатгузории чараёни шаҳодатномакунонии малакаҳои касбиро Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират муқаррар менамояд.